# МАЪЛУМОТНОМА

оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи Ҳуҷҷатҳои стандартии озмунӣ оид ба хариди кор»

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳуҷҷатҳои стандартии озмунӣ оид ба хариди кор» аз ҷониби Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси моддаҳои 6 ва 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ», ки мувофиқан салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои мақоми ваколатори давлатӣ оид ба хариди давлатиро муқаррар менамояд, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Санади мазкур дар маҷмуъ муносибатҳои ташкилоти харидор ва иштирокчии озмунро дар марҳилаҳои гуногуни расмиёти харид ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳоро зимни амалисозии фаъолият муқаррар ва танзим менамояд. Дар заминаи Ҳуҷҷатҳои стандартии озмунӣ шаффофияти баргузории озмун, иштироки озоди паймонкорон, тартиби бо таври возеҳ талаб ва пешниҳод кардани иттилоот ва ҳуҷҷатҳо, мавҷуд набудани шартҳои табъизӣ нисбати иштирокчиёни озмун, муқаррар намудани чараёни дақиқи арзёбии пешниҳодҳои озмунӣ ва муносибати одилона дар рафти иҷрои шартнома таъмин хоҳад гардид.

Ҳуҷҷатҳои стандартии озмунӣ оид ба хариди кор аз 29 замима иборат буда, тартиби таҳияи ҳуҷҷатҳои озмунӣ барои хариди корро муайян намуда, амалҳои пайдарпайи ташкилоти харидор ва иштирокчиёни озмунро зимни анҷом додани марҳилаҳои гуногуни расмиёти харид мушаххас менамояд.

Дастурамал барои иштирокчиёни озмун иштирокчиёни озмунро ҷиҳати ҷанбаҳои расмиёти харид роҳнамоӣ намуда, ба истисноӣ меъёрҳое, ки дар Варақаи иттилоотии иштирокчии озмун ба тарви мушаххас аз ҷониби ташкилоти харидор вобаста ба хусусиятҳои харид муқаррар карда мешаванд, бетағйир мемонад. Бо ҳамин тартиб низ шартҳои умумии шартнома шартҳои дорои хусусияти стандартиро муқаррар намуда, дар шартҳои махсуси шартнома баъзе аз меъёрҳо вобаста ба хусусиятҳои харид аз ҷониби ташкилоти харидор мушаххас мегарданд. Муқаррароти шартҳои умумӣ ва махсуси шартнома тамоми масъалаҳои марбут ба иҷрои корҳо, шурӯъ аз оғози корҳо то ба итмом расидани давраи масъулият барои бартарафсозии нуқсонҳоро танзим менамояд.

Ташкилоти харидор инчунин мутобиқи замимаҳои дахлдор даъватнома барои иштирок, ҳисобномаи ҳаҷми корҳо ё ҷадвали фаъолият (барои шартномаҳо бо нархи собит), тавсифоти техникӣ ва талаботи тахассусиро тартиб дода, иштирокчиёни озмунро дар хусуси талаботи гуногун, аз ҷумла нисбати ҳаҷм ва сифати корҳо огоҳ месозад. Огоҳинома

дар бораи вобастакунии шартнома баъди ҷамъбасти натиҷаҳои озмун ба иштирокчиёни озмун ва шакли шартнома баъди ба итмом расидани давраи интизорӣ аз ҷониби ташкилоти харидор ба ғолиби озмун ирсол карда мешавад.

Иштирокчиёни озмун ба таври ҳатмӣ шаклҳои пешниҳоди озмунӣ, пешниҳоди техникӣ, пешниҳоди нархӣ, харҷномаи ҳисоби захиравии ҷузъӣ, иттилоот оид ба мутобиқат ба меъёрҳои иҷозатдиҳӣ барои иштирок, иттилоот оид ба тахассуси иштирокчии озмун ё гурӯҳи паймонкорон, иттилоот оид ба иштирокчии озмун ё гурӯҳи паймонкорон пур карда бо ваколатнома барои имзои пешниҳоди озмунӣ пешниҳод менамоянд.

Бо мақсади ҳифзи манфиатҳои ташкилоти харидор ва пешгирии амалҳои номуносиби иштирокчиён озмун дар рафти озмун ё паймонкорон дар рафти иҷрои шартнома, ташкилоти харидор метавонад талабот оид ба пешниҳоди таъминоти пешниҳоди озмунӣ ё эъломия дар бораи таъминоти пешниҳоди озмунӣ ба ҳайси алтернатива, таъминоти иҷрои шартнома ва таъминоти баргардонидани пешпардохтро муқаррар намояд. Шаклҳои таъминоти мазкур (кафолати бонкӣ) ва эъломия дар замимаҳои дахлдор оварда шудаанд.

Иттилоот дар бораи молик-бенефитсиар, ки бо мақсади ошкор кардани моликони иштирокчии озмун пур кард мешавад, бояд ҳатман аз ҷониби ғолиби озмун пешниҳод карда мешавад.

Татбиқи Ҳуҷҷатҳои стандартии озмунӣ маблағгузориро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад.

Омӯзиши дохилиидоравии лоиҳаи қарор тибқи «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014 №355 тасдиқ шудааст, омилҳои ба коррупсия мусоидаткунандаро ошкор накардааст. Ҳуҷҷати мазкур, ки асосан бо такя ба дастурамалҳои хариди бонкҳои байналмилалӣ - шарикони рушд таҳия гардидааст, шаффофияти расмиёти хариди давлатиро таъмин намуда, ба таври возеҳ муқаррар намудани вазифаю уҳдадориҳои ташкилоти харидор дар назди иштирокчиёни озмун ба пешгирии содир намудани кирдорҳои дорои хусусияти коррупсионӣ мусоидат менамояд.

Лоиҳаи қарори мазкур бо Вазорати адлия (Ашуриён Музаффар), Вазорати молия (Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор), Вазорати рушди иқтисод ва савдо (Завқизода Завқӣ Амин), Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (Раҳимзода Султон Нурмаҳмадпур), Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (Султонзода Сулаймон Саид) ва Кумитаи меъморӣ ва сохтмон

(Мирзозода Низом Юсуфӣ) мувофиқа карда шуда, хулосаҳои вазорату идораҳо замима карда мешаванд.

Эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қарори мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.